# ХУЛОСАИ

комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Қутбиддинов Абдулмумин Ҳошимович дар мавзӯи «Хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи бадеии матбуоти маҳаллии Тоҷикистон (дар мисоли нашрияҳои «Шаҳриёр» ва «Набзи Файзобод»)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ пешниҳод шудааст.

аз 1 декабри соли 2020 ш. Душанбе

Диссертатсияи доктории Қутбиддинов Абдулмумин Ҳошимович дар мавзӯи "Хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи бадеии матбуоти маҳаллии Тоҷикистон (дар мисоли нашрияҳои «Шаҳриёр» ва «Набзи Файзобод»)" ба яке аз масъалаҳои муҳимми журналистика – публитсистикаи матбуоти маҳаллӣ бахшида шудааст. Дар заминаи нашрияҳои «Набзи Файзобод» ва «Шаҳриёр» ба таҳлилу таҳқиқ гирифтани публитсистикаи бадеии матбуотӣ аҳамияти калони илмӣ дорад. Нашрияҳои номбурда бори аввал ба таври ҳамаҷониба, дар иртиботу алоқамандӣ бо якдигар дар такя ба назарияҳои гуногуни публитсистикашиносӣ дар доираи чор бобу ёздаҳ фасл мавриди омӯзиш ва баррасии муфассал қарор гирифтааст.

Публитсистикаи бадеии матбуоти даврии маҳаллӣ тамоми мавзӯоти иҷтимоиву сиёсиро фаро гирифта, дар ҷараёни мураккаби ҳалли вазифаву муаммоҳои муҳимми замон муваффақ ба назар мерасад. Ҳамчун воситаи натиҷабахши баркарор намудани робитаи байни мардум ва давлат дар даврахои гуногун дар пешрафти ҳаёти маънавию фарҳангии ҷомеа ва таҳкими худшиносии миллӣ мусоидат кардааст. Эҷоди публитсистӣ дар саҳифаҳои ин матбуот дар раванди сохтмону бунёдкориҳо, пешрафти иқтисодиву иҷтимоӣ таъсири амиқ дорад. Дар ин равандҳо матбуоти маҳаллӣ аз соири жанрҳои публитсистиву бадеӣ истифода бурда, дар рушду пешрафти назми иҷтимоӣ ҳамаҷониба мусоидат кардааст. Аз саҳифаҳои он образҳои гуногуни фаъолу ибратомӯзро пайдо кардан

мумкин аст, ки дар партави онҳо мухолифат ва муборизаҳои синфию иҷтимоии даврони гуногун ифода гардида, дар заминаи ҷаҳонбинию ақоиди сиёсӣ, донишҳои фалсафиву ахлоқӣ ва фарҳангиву адабии муаллифон бозгӯкунандаи моҳияти ҳаёт гардидаанд. Матбуоти маҳаллӣ дар қолаби публитсистиву бадеии эҷод бо воқеиятписандии амиқ дар ҳама давраҳо таърихномаи маҳалро ба вуҷуд овардааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он аст, ки дар рисола бори аввал ҷараёни таърихии инкишоф ва вижагиҳои публитсистикаи бадеии нашрияҳои «Шаҳриёр» ва «Набзи Файзобод» ба таври комплексӣ ва дар алоқамандӣ бо якдигар ба таҳқиқ гирифта шудаанд. Муайян намудани таъйиноту моҳияти матбуоти маҳаллӣ ва таҳқиқи авомили таърихии инкишофи нашрияҳои алоҳидаи ноҳиявӣ дар самти пажӯҳишҳои таърихии матбуоти даврии тоҷик иқдоми аввалин мебошад. Ошкор сохтани хусусияту сифати мавод, дараҷаи касбияту ҷаҳонбинии муаллифон, рӯҳияи адабии навиштаҳо, фарогирии оҳанги замон, қолабҳои устувору тағйирёбандаи жанрҳои публитсистиву бадеӣ ва мазмуну муҳтавои чунин матолиби матбуоти маҳаллии кишвар бори аввал омӯхта мешавад. Дар алоқамандӣ бо илмҳои таърих, адабиётшиносӣ, равоншиносӣ, ҷомеашиносӣ, сиёсатшиносӣ ва забоншиносӣ таҳлилу таҳқиқ намудани публитсистикаи матбуоти маҳаллӣ имкон медиҳад, ки ҷараёни ташаккулу таҳаввули аҷзову аносири ҳунарии ин навъи эҷод муайян ва қонуниятҳо, шакли пешниҳод, таркиби мантиқӣ ва табиати матлаби рӯзномавии дорои хосияти адабидошта мушаххас гардад. Дар таҳқиқоти мазкур ба адабиёти назариявии соҳаи публитсистика ва адабиётшиносӣ, таҳқиқоти олимони замони шӯравӣ ва имрӯзаи Русияву Тоҷикистон такя ва аз асарҳои бунёдии назариячиёни хориҷиву дохилӣ чун С. М. Гуревич, В. В. Ворошилов, Е. П. Прохоров, Я. Н. Засурский, С. Г. Корконосенко, В. Ф. Олешко, И. Д. Фомичева, С. Табаров, Л. Демидчик, А. Маниёзов, Х. Шарифов, М. Имомзода, М. Шакурӣ, А. Раҳмонзода, А. Саъдуллоев, И. Усмонов, А. Нуралиев, П. Гулмуродзода, М.Муродӣ, А. Азимов, М. Муқимов,

М. Абдуллозода, Ш. Муллоев ва дигарон дар мавриди публитсистика ва хусусиятҳои он истифода гардидааст.

Дар раванди таҳқиқ аз усулҳои назариявии илмҳои гуногун, бахусус, публитсистикашиносӣ, адабиётшиносӣ, таърихнигорӣ, забоншиносӣ, сотсиология, равоншиносӣ, мантиқ фаровон истифода шудааст.

Таҳқиқоти мазкур дар пурра гардидани таърихи матбуоти даврии маҳаллӣ ва вусъати назарияи публитсистика нақши муҳим дорад.

Диссертатсия арзиши баланди пажӯҳишӣ дошта, мазмун ва муҳтавои он ҷанбаҳои назариву амалии журналистикаи тоҷикро ғанӣ мегардонад. Аз натиҷаҳои илмии ҳосилшуда муҳаққиқони журналистикаву публитсистика, рӯзноманигорон, кормандони ВАО, журналистони таҳлилгар, донишҷӯёни шуъбаву факултетҳои журналистика истифода карда метавонанд.

Муҳиммият, аҳамият, навгонӣ ва ҷанбаҳои назарӣ ва амалии диссертатсияи Қутбиддинов Абдулмумин Ҳошимовичро ба назар гирифта, комиссияи ташхис ба чунин хулоса омад:

## Хулоса

1. Диссертатсияи доктории Қутбиддинов Абдулмумин Ҳошимович дар мавзӯи «Хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи бадеии матбуоти маҳаллии Тоҷикистон (дар мисоли нашрияҳои «Шаҳриёр» ва «Набзи Файзобод»)» дар маҷмӯъ кори илмии анҷомёфта буда, мундариҷаи он ба ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ, ки Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 ба ҳимоя иҷозат медиҳад, мувофиқат мекунад.

2. Осори интишорнамудаи муаллиф (28 адад), ки 23 мақолаи он дар маҷаллаҳои илмии ба номгӯи нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомилгардида дохил мебошанд, мазмуни асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

3. Автореферат ба талаботи кори илмӣ мувофиқ буда, мазмуну муҳтавои диссертатсияро фаро гирифтааст.

4. Диссертатсияи Қутбиддинов Абдулмумин Ҳошимович барои ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-022 пешниҳод карда шавад.

5. Ба ҳайси муқарризони расмӣ муҳаққиқони зерин, ки корҳои илмию таҳқиқотиашон ба ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мувофиқат мекунад, тавсия карда шаванд:

– **Бобоҷониён Раъно** – доктори илмҳои филологӣ, дотсент, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

– **Муллоев Шариф Боқиевич** – доктори илмҳои филология, дотсент, мудири кафедраи ВАО-и чопӣ ва PR-и Донишгоҳи (славянии) Россияву Тоҷикистон.

– **Солеҳов Шамсиддин** – доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.

Ба сифати муассисаи тақриздиҳанда Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров пешниҳод карда шавад.

Раиси комиссияи ташхис:
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ Ҷ. Саъдуллоев

Аъзои комиссияи ташхис:
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ М. Абдуллозода

доктори илмҳои филологӣ, профессор
узви Шӯрои диссертатсионӣ М.Муродӣ